Ба Шурои диссертатсионии **6D.КОА-016**-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
(734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: olimov-1976@mail.ru,
rektortau31@mail.ru, www.tajagroun.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исматуллозода Баҳром Абдуғафор дар мавзуи “Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02- Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ**

Рушд бахшидан ба фаъолияти соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатии мамлакат бештар ба самаранок истифода бурдани ҳамаи омилҳои истеҳсолот, мустаҳкам намудани пойгоҳи моддию техникии корхонаҳо, дар истеҳсолот ҷорӣ намудани фаъолияти сармоягузорию инноватсионӣ вобаста аст. Равандҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба қонунҳои умумии иқтисодӣ тобеъ мебошанд, вале бо назардошти хусусиятҳои хоси тиҷорати кишоварзӣ зоҳир мешаванд. Хусусиятҳои соҳаи кишоварзӣ, бар хилофи дигар соҳаҳо, ҳангоми ташаккули пойгоҳи моддию техникӣ ва сиёсати сармоягузорӣ таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаро талаб мекунанд.

Соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёт бада, фаъолияти устувори он бештар вазъияти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакатро муайян мекунад. Фаъол гардонидани фаъолияти сармоягузорӣ омили муайянкунандаи рушди кишоварзӣ мебошад. Низоми сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ яке аз муҳимтарин механизми дастгирӣ ва танзими давлатии мусоидаткунандаи раванди татбиқи сиёсати аграрии мамлакат мебошад. Тахқиқоти диссертатсионии Исматуллозода Баҳром Абдуғафор ба ҳамин масъала бахшида шудааст.

Дар автореферати диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таъмини сармоягузориҳои соҳаи кишоварзии ҶумҳурииТоҷикистон муфассал дида баромада шудаанд. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодабарии сармоягузориҳо дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, унвонҷӯ ҳадафи аслии сармоягузориро ташаккул бахшидан ба соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла бахшхои мухталифи кишоварзӣ ва расидан ба сатҳи лозимаи самараи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ тавсиф додааст. Инчунин, роҳу усулҳои навини пешниҳоднамудаи муаллиф доир ба масъалаҳои такмили механизми ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қобили қабул мебошанд.

Аз ин рӯ, метавон чунин хулоса баровард, ки таҳқиқотии диссертасионии Исматуллозода Б.А. аҳаммияти муайяни илмию амалӣ дорад. Махсусан, имконияти истифодашавандагӣ доштани натиҷаҳои

таҳқиқот барои ҳалли масъалаҳои таъмини механизми ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ зоҳир мегардад.

Мундариҷаи автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифодаи принсипи пайдарҳамии мантиқӣ таҳия гардида, ба талаботи таҳияи рисолаҳои номзадии аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида, мувофиқ мебошад.

Новобаста ба паҳлуҳои мусбат дар автореферати тақризшаванда чунин камбудӣ низ ҷой дорад:

-дар автореферат оид ба мушкилоти асосии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи самараноки онҳо маълумоти зиёд оварда шудааст, аммо дастрасии кишоварзон ба сарчашмаҳои сармоягузорӣ пурра муайян карда нашудааст.

Қобили қайд аст, ки камбудии пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии таҳқиқоти диссертатсиониро тағйир намедиҳанд.

Аз автореферат бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Исматуллозода Баҳром Абдуғафор дар мавзуи “Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” дорои арзиши илмию амалӣ буда, ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда**

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Комилзода Н.Б.**

**Имзои Комилзода Н.Б.- ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Давлатов М.А.**

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16,
Тел: (+922) 918-57-92-90.
E- mail: nizoniddin.komilov@mail.ru